ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қаюмова Мубина Бобоевна дар мавзуи «Антропонимияи Кӯлоб ва атрофи он» (таҳқиқи забоншиносӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Қаюмова Мубина Бобоевна дар мавзуи «Антропонимияи Кӯлоб ва атрофи он» (таҳқиқи забоншиносӣ) ба таҳлили забоншиносии антропонимҳои Кӯлоб ва атрофи он бахшида шудааст. Дар диссертатсия мавзуе баррасӣ гаштааст, ки ба рушди забоншиносӣ, фарҳангу тамаддун, ғановати захираи луғавии забони тоҷикӣ мусоидат карда метавонад. Таҳқиқот дар радифи он ки захираи луғавии забони тоҷикиро пурратар карда метавонад, ҳамчунин заминаи муносибу мусоидро барои шинохт ва дарку фаҳми ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ ва масъалаҳои дигар муҳайё карда метавонад. Гузашта аз ин, тавассути таҳқиқи забоншиносии антропонимҳои шаҳри Кӯлоб ва атрофи он, ки аз тавсифу баррасии мушаххасу муфассалии забонӣ иборат аст, метавон маълумотҳоеро ҳам ба даст овард, ки ба фарҳанг, тамаддун, ҷуғрофия, этнография, санъат, урфу одат, анъанаҳо ва малакаҳои номгузории мардумон мансубанд.

Ҳангоми пешбурди таҳқиқот унвонҷӯ аз методи таҳлили синхронӣ тавъам бо методҳои таҳлили муқоисавӣ ва таърихӣ истифода намудааст. Дар баробари методҳои мазкур то ҳадди муайян таҳлили этимологӣ ва сохторӣ – калимасозии антропонимия низ ба роҳ монда шудааст.

Навгониҳои таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки аввалин бор ба таври бонизом ва ҳамаҷониба таҳқиқи антропонимияи яке аз мавзеъҳои таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Кӯлоб ва атрофи он, ба роҳ монда шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқи забоншиносӣ гурӯҳҳои асосии луғавию маъноии луғати антропонимӣ ва мақому ҷойгоҳи он дар радифи дигар вижагиҳои луғавии антропонимияи Кӯлоб муқаррар гаштаанд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳо, арзиши таҳқиқ ва моҳияти мавзуи таҳқиқотӣ зикр ёфта, масоили марбут ба «Антропонимияи Кӯлоб ва атрофи он» (таҳқиқи забоншиносӣ) таъйин шудааст. Аз ҷумла, муайян шудааст, ки омӯзишу баррасии антропонимияи шаҳри Кӯлоб ва атрофи он нишон дод, ки онҳо ҷузъи фаъоли лексика буда, ҳама гуна таҳаввулоти ҷомеаро ифода ва таҷассум мекунанд. Антропонимияи мавриди баррасӣ ҳамаи он ҷараёнҳои таҳаввулоти ҷомеаро сипарӣ намуда, шароиту муҳит ва вазъу ҳолати сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, табъу завқ, майлу хоҳиш, донишу тафаккур, ҷаҳонбинии фалсафӣ, динӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва меҳру муҳаббату эътиқоди ба ниёгон доштаи мардумро дар худ таҷассум менамоянд.

Дар таркиби луғавии антропонимикони аҳолӣ, пеш аз ҳама, ду гурӯҳи номҳо: аслии тоҷикӣ ва иктибосӣ вомехӯранд, ки бо гузашти замон таҳти таъсири қонуниятҳои вижаи забони тоҷикӣ, шеваю лаҳҷаҳои маҳаллӣ ва рӯйдодҳои таърихиву фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ то дараҷае тағйир ёфта, ба гурӯҳи номҳои худӣ, ки ҷанбаю вижагиҳои номгузории мардуми Кӯлоб нишон медиҳанд, ки ворид гардидаанд. Номҳои хоси одамон низ чун қисмати забон се марҳилаи рушди худро пушти сар намудаанд: қадим, миёна ва нав.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақолаи дар мачаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ

расидааанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвончӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Қаюмова Мубина Бобоевна дар мавзуи «Антропонимияи Кӯлоб ва атрофи он» (таҳқиқи забоншиносӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қаюмова Мубина Бобоевна дар мавзуи «Антропонимияи Кӯлоб ва атрофи он» (таҳқиқи забоншиносӣ) кори анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққикони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Офаридаев Назрӣ** – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев;

- **Одинаев Абдуманон** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

доктори илми филология, профессор,

узви шурои диссертатсионӣ Ҳомидов Д.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илми филология, профессор,

узви шурои диссертатсионӣ Мирзоева М.

доктори илми филология, профессор,

узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н.